ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. - Педагогика (5.3.5.9. – Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)) пешниҳод шудааст. - Душанбе, 2026

Дар ҷаҳони муосир нуфуз ва ҷойгоҳи забони англисӣ дар арсаи байналмилалӣ пайваста тақвият меёбад. Дар чунин шароит омӯзишу пажӯҳиши ин забон ва такмили усулҳои таълими он дар зинаҳои гуногуни таҳсилот аз талаботи муҳими замон ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ ба омӯзиши нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуъ бо зарурати такмили усулҳои таълим, баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ ва рушди малакаҳои забонии онҳо муайян мегардад.

Зимни баррасии автореферат маълум мешавад, ки муаллиф доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ, фарҳангҳои тафсирӣ, луғатҳо ва дигар сарчашмаҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Мақсади таҳқиқот муайян кардани нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти оли касбӣ мебошад.

Яке аз н**авгонии илмии таҳқиқо**т дар он ифода меёбад, ки асосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ мушаххас, ҷамъбаст ва ба низоми ягона даровард шуда, қонуниятҳои истифодаи онҳо вобаста ба мақсад ва мазмуни таълим, зинаи таҳсил, хусусиятҳои синнусолӣ ва сатҳи омодагии забонии таълимгирандагон муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, таснифи низомманди бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи мақсади дидактикӣ, ҷанбаҳои забонӣ, намудҳои фаъолияти нутқӣ, дараҷаи мустақилияти таълимгирандагон ва шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ таҳия гардида, имконияти интихоби мақсаднок ва истифодаи марҳилавии онҳо дар раванди таълими забони англисӣ асоснок карда шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар таҳия ва ба раванди таълим пешниҳод намудани низоми методӣ, технологияи марҳилавии татбиқи он, маҷмуи бозиҳои дидактикӣ ва тавсияҳои илмию методӣ ифода меёбад. Маводи назариявию методии таҳияшуда метавонад бо мутобиқсозӣ ба мақсад, синну сол ва сатҳи омодагӣ аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ истифода шавад. Қисми озмоишӣ ва воситаҳои ташхисӣ бевосита дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ санҷида шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз нигоҳи сохторӣ, мантиқӣ ва методологӣ дуруст таҳия гардидааст.

Дар боби якум **«Ҷанбаҳои назариявии нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ»** унвон дошта, дар он оид ба истифодаи бозӣ ҳамчун воситаи таълиму тарбия дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ, технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ ва хусусиятҳои дузабонӣ дар муҳити омӯзиш, инчунин, нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ, дар мавриди мо забони англисӣ, сухан рафта, дараҷаи омӯзиши он дар таҳқиқоти олимони шуравӣ, Аврупо ва муҳаққиқони ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюм **«Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии таълими забони англисӣ»** номгузорӣ карда шудааст. Дар ин боб муаллиф дар доираи се зербоб имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ, вижагиҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ ва афзалиятҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун усули фаъоли таълим дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони англисиро баррасӣ кардааст.

Боби сеюм **«Хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ»** унвон дошта, дар он асосҳои методологӣ, барномаҳо ва равияҳои муосири таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ, инчунин, вижагиҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби чоруми диссертатсия **“Бозиҳои забонӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар таълими забони хориҷӣ”** унвон дорад ва аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар ин боб бозиҳои забонӣ ва дараҷаи истифодаи онҳо дар раванди таълими забони хориҷӣ, хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ва кори мустақилонаи донишҷӯён ва технологияҳои муосири таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби панҷуми диссертатсия «Технологияи истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ» унвон дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар ин боб технологияҳои муосир ва инноватсионии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ, таҷрибаи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ, инчунин, ташкил ва гузаронидани озмоиши педагогӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои он аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ арзёбӣ гардидаанд.

Дар маҷмуъ, автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, сохтор, натиҷаҳои илмӣ,

навгонии таҳқиқот ва аҳаммияти назариявию амалии онро ба таври возеҳ нишон медиҳад.

Аз баррасии автореферат бармеояд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 22 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла, 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки ин аз заҳмату талоши пайвастаи унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Автореферати диссертатсияи мазкур дар асоси муқаррароти амалкунандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардида, мазмун ва муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд. Сохтори он мантиқӣ буда, масъалаҳои асосии таҳқиқ пайдарпай ва бо риояи талаботи илмӣ пешниҳод шудаанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, ҷиҳати такмили минбаъдаи мазмун ва баланд бардоштани сифати илмии он пешниҳоди тавсияҳои зеринро мувофиқи мақсад мешуморем:

1. Оид ба унвони диссертатсия. Ба андешаи мо, мувофиқи мақсад мебуд, ки унвони диссертатсия дар таҳрири «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» пешниҳод карда шавад. Чунин номгузорӣ аз ҷиҳати илмӣ, мантиқӣ ва истилоҳоти меъёрӣ дақиқтар буда, доираи таҳқиқот ва зинаҳои таҳсилоти мавриди омӯзишро равшантар инъикос менамояд.

2. Оид ба арзёбии самаранокии бозиҳои дидактикӣ. Ба андешаи мо, дар таҳқиқот мушаххастар нишон додани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба манфиати кор мебуд. Аз ҷумла, муайян намудани таъсири истифодаи онҳо ба рушди малакаҳои муошират забонӣ, фаъолияти маърифатӣ ва ҳавасмандии таълимгирандагон метавонад асоснокии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам тақвият бахшад.

3. Оид ба таҳрири забонӣ ва техникии автореферат. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва норасоиҳои ҷузъии услубӣ ба назар мерасанд. Бартараф намудани онҳо ба беҳтар гардидани равонию возеҳии баён, таъмини ягонагии истилоҳоти илмӣ ва баланд бардоштани сифати таҳрири матни автореферат мусоидат хоҳад кард.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва ислоҳпазир дошта, ба арзиши илмӣ, навгонии натиҷаҳо, эътимоднокии хулосаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири ҷиддии манфӣ намерасонанд. Баръакс, ба инобат гирифтани онҳо метавонад ба такмили мазмун, баланд бардоштани сифати пешниҳоди маводи илмӣ ва тақвияти аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи **«Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони**

англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. - Педагогика (5.3.5.9. – Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)) мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода Маҳмадулло

Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Шероз, 30/7,17
Тел.: (+992) 988926333
E-mail: rmg-2013@mail.ru

Имзои М. Раҷабзодаро
“Тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«____» _____ соли 2026

Нишонӣ: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: Телефон: +992(37) 224-17-86.
Сомоан: https://apa.tj/ ; E-mail: info@apa.tj